**Такризи**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филология Саидмуроди Хоҷазод ба диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи «Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср, солҳои 2011-2013)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷангҳои равонӣ ва набардҳои иттилоотӣ дар фазои расонаии мамолики гуногун авлавият пайдо мекунанд, зеро абарқудратҳо ҷангҳои иттилоотиро бар хотири ҳифзи манфиатҳои миллии худ роҳандозӣ мекунанд, тавассути матбуот ва воситаҳои ахбори электронӣ бо пахши ахбори бардурӯғ ва муғризона ба афкори ҷомеа таъсир мегузоранд, қишри осебпазири ҷомеа, бавижа ҷавононро барои сарнагунии ҳукуматҳои амалкунанда даъват менамоянд. Ба ин хотир, воситаҳои ахбори чопӣ ва электронии фаромиллӣ бештар характери идеологӣ касб мекунанд, ки ин ҷиҳати масъала дар рисолаи Исмоилова Фарзона ба таври нишонрас таъкид шудааст. Диссертант дар муқаддима дуруст таъкид менамояд, ки «маҳз тавассути дастгирии васоити ахбори оммаи Миср ва тарғиботи сартосарии он ҳаракати тундгарои ифротии «Бародарони мусулмон», ки солҳои зиёд ҳадафашон сари қудрат омадан буд, тавонистанд дар кишвари Миср нооромиро ба вуҷуд биёранду сари қудрат биёянд. Ин таҷрибаи талхро Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои навадум чашида буд, ки ин ҳодисот ба нооромиҳои кишвари Миср зиёд шабоҳат дорад» (саҳ.5). Яъне то кунун ҷанбаҳои гуногуни таъсири журналистика дар сиёсати зимони муосир, нақши ВАО дар раванди ҷангҳои иттилоотӣ омӯхта нашудааст, ба ин хотир, мавзӯи интихобнамудаи диссертант нав ва саривақтӣ буда, барои дарки зиракии сиёсии ҷомеа аз таъсири манфии набардҳои иттилоотӣ мусоидат хоҳад кард.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддима мубрамиятии мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, заминаҳои назариву методологии таҳқиқ, ҳадаф, объект,

вазифа, усул ва марҳилаҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии мавзӯъ равшану возеҳ баён гардидаанд. Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, муҳимтарин нукоти диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Боби авввал "Омилҳои ба вуҷуд омадани нооромиҳо ва баррасии он дар матбуоти Миср" ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввали боби мазкур, ки "Заминаҳои оғози нооромиҳои соли 2011" унвон дорад, диссертант сараввал дар бораи бузургтарин нашрияҳои Миср, амсоли "Ал-Аҳром", "Ал-Миср", "Аш-Шаъб", "Ал-Мисрия-ал-явм", "Ал-Мисриюн" маълумоти фишурда фароҳам оварда, матбуоти Мисрро аз рӯи хусусияту таъсиррасонӣ ба рӯзномаҳои давлатӣ, ҳизбӣ ва мустақил табақабандӣ намуда, нақши матбуоти давлатӣ, мустақил ва шабакаҳои иҷтимоиро дар сар задани воқеаҳои "Баҳори араб" бориз арзёбӣ мекунад. Муаллифи рисола барои собит намудани фикрҳои худ аз маводи сомонаи рӯзномаи "Ал-Аҳром" иқтибосҳои характернок меорад. Тибқи пажӯҳиши диссертант "пас аз сар задани нооромиҳо дар Миср васоити ахбори оммаи давлатӣ кӯшиш мекард, то чун пештара аз ҳукумати Ҳусни Муборак ҷонибдорӣ кунад, аммо ВАО- и мустақил бошад, дар ибтидои инқилоб муқобили ВАО- и давлатӣ ва низоми сиёсӣ баромад мекард. Яке аз аввалинҳо шуда, бонуфузтарин рӯзномаи давлатии Миср "Ал-Аҳром" аз тазоҳургарон дастгирӣ кард. Пас аз кушта шудани рӯзноманигор Аҳмад Муҳаммад Махмур 200 нафар журналист бо нишони эътироз тобут бар даст гирифта, ба шӯришгарон ҳамроҳ шуданд. Рӯзномаи давлатии "Ал-Аҳром" дар ин давра мавқеашро пурра тағйир дода, ҷонибдори шӯришгарон шуд"(саҳ. 26). Нақши рӯзномаҳои мустақил ва ҳизбӣ ҷиҳати дастгирии шуришгарон бо мисолҳо асоснок шудаанд.

Дар фасли дуюми боби аввали диссертатсия нақши матбуоти Миср дар ҷангҳои иттилоотӣ ба риштаи пажӯҳиш кашида шудааст. Аз натиҷаи пажӯҳиши ин фасл бармеояд, ки дар фароянди набардҳои иттилоотӣ дар аксар маврид принсипи беғаразӣ дар инъикоси ҳаводиси Миср аз ҷониби

рӯзноманигорон риоя намешуд ва саҳми рӯзноманигорон дар ҳамоишиҳои эътирозӣ калон буд. Фикрҳои диссертант дар бораи аз оғози нооромиҳо дар Миср чандин маротиба иваз шудани мавқеи нашрияҳо ва рӯзноманигорон бо мисолҳо аз саҳифаҳои нашрияҳо асоснок шудаанд.

“Инъикоси ҳаводиси Миср дар ВАО-и ҷаҳон” боби дуюми рисоларо ташкил дода, фасли якум “Воқеоти Миср дар оинаи ВАО”- и Тоҷикистон” ном дорад. Дар ин фасл таъкид мегардад, ки “инъикоси ҳаводиси Миср дар матбуот нисбат ба радио ва телевизион ба чашм мерасад” (саҳ.61). Муаллиф фикри худро бо овардани далелҳо аз нашрияҳои “Фараж” (сионизм бартар аз терроризм), “Нигоҳ” (Фавран! Оппозитсия лозим), “Ҷумҳурият” (Иштибоҳи исломгароён дар Миср бояд сабақ шавад), “Минбари халқ” (Демократия- пардаи зебои бозиҳои қудратхоҳон) ва ғайраҳо собит месозад. Хулосаи муҳаққиқ аз натиҷаи ин фасл он аст, ки “дар инъикоси воқеоти Миср матбуоти тоҷик, махсусан рӯзномаҳои мустақил ва ожонсиҳои иттилоотии Тоҷикистон фаъолтар буданд” (саҳ.74).

Дар фасли дуюми боби мазкур “Умумият ва фарқи бозтоби ҳодисаҳои Миср дар сомонаҳои мутбуоти Россия ва ИМА” мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Умумияти бозтоби ҳодисаҳои Миср дар сомонаҳои рӯзномаҳои амрикоӣ ва русиро муҳаққиқ бо он асоснок менамояд, ҳар ду ҳангоми баррасии нооромиҳо ҳатман ба он мавзӯи демократияро ҳамроҳ мекарданд.Ин амал танҳо дар хабарҳо дида намешуд.

Боби сеюми диссертатсия “Рангорангии жанрӣ дар инъикоси воқеаҳои сиёсии солҳои 2011-2013- и Миср” унвон гирифта, дар қолаби кадом жанрҳо таҳияву пешниҳоди маводи он солҳо пажӯҳиш гардидааст. Махсусан дар фасли аввали ин  боб “Инъикоси воқеаҳои сиёсӣ дар қолаби жанрҳои хабарӣ” сараввал оид ба жанри хабар ва хусусиятҳои он иттилоъ фароҳам оварда мешавад. Сипас, омилҳои дар шароити бухронҳои сиёсӣ дар саҳифаи матбуот ва ВАО-и электронӣ афзудани

шумораи хабарҳо ба сареъият, фаврияти ин жанр нисбат дода мешавад. Аз таҳлили жанри хабар дар рӯзномаҳои мисрии “Ал-Мисрия-ал-явм”, “Ал-Ҷумҳурия” ва “Ал-Аҳром” ба хулоса омадан мумкин аст, ки агарчи хабар нисбат ба дигар жанрҳои публитсистӣ мавқеи бештар дорад, аммо дар замони ноорамиҳои сиёсӣ дар Миср ин жанр боз ҳам фаъолтар шуд. Аз натиҷаи тадқиқот метавон хулоса кард, ки дар ин давра зиёда аз 60%-и маводи матбуотро хабар ташкил медод.

Диссертант дар фасли дуюми боби сеюм бозтоби ҳодисоти Мисрро дар қолаби жанрҳои таҳлилии мақола, шарҳ, колумнистика ва ё сутуннависӣ, тадқиқоти журналистӣ, карикатура ба риштаи пажӯҳиш кашида аст. Хусусияти вижаи ин фасл дар он аст, ки фикру андешаҳои муаллифи диссертатсия оид ба ҳаводиси Миср бар мабнои асарҳои олимони соҳаи журналистикаи тоҷик асоснок гардидаанд.

Бояд гуфт, ки ба назари инҷониб диссертатсия ду муваффақияти вижа дорад. Аввалан, вақтҳои охир муҳаққиқон дар баробари мавзӯъҳои дохилӣ ба пажӯҳиши мавзӯъҳои байналмилалӣ даст мезананд, ки ин аз пешрафти илми журналистикаи тоҷик ва ҳампои журналистикаи байналхалқӣ шудан гувоҳӣ медиҳад. Дуввум, дар рисола воқеаҳои Миср бо нигоҳи маҳаллӣ тадқиқ шудаанд, ки ин ҷиҳати характерноки диссертатсия мебошад.

Албатта, дар дисертатсия баъзе камбудиҳо ва нуқсонҳое низ ба назар расиданд, ки зикри баъзе аз онҳоро лозим медонем.

1. Дар муқаддима, дар зерматни “Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот” сархатҳои ду ва се, ки ба мубрамияти мавзӯъ камтар алоқаманданд, хуб мешуд агар ихтисор гарданд (саҳ.4-5).

2. Дараҷаи азхудкунии мавзӯи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқ ба дараҷаи омӯзиши мавзӯъ иваз карда шавад (саҳ.5).

3. Хулосаи боби 1 бисёр заиф аст, мукаммал намудани он ба манфиати кор аст (саҳ.39).

4. Номи фасли дуюми боби аввал “Матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб дар ҷангҳои иттилоотӣ ” ба гунаи “Нақши матбуоти Ҷумҳурии Мисри Араб дар ҷангҳои иттилоотӣ ” тағйир дода шавад (саҳ.40).

5. Дар фасли якуми боби дуюми диссертатсия “Воқеоти Миср дар оинаи ВАО- и Тоҷикистон” таъкид мегардад, ки “инъикоси ҳаводиси Миср дар матбуот нисбат ба радио ва телевизион бештар ба чашм мерасад” (саҳ.61). Мо ба ин фикр розӣ шуда наметавонем, зеро нашрияҳо ҳафтае як маротиба чоп мешаванд, аммо расонаҳои электронии Тоҷикистон ҳамарӯза дар бораи ҳодисаҳои Миср даҳҳо хабару тасвирҳо пахш мекарданд, ки ба даҳҳо саҳифаҳои матбуот баробар аст.

6. Боби якуми диссертатсия хислати публитсистӣ касб кардааст, таҳлил, муқоиса, хулосабарории илмӣ камтар ба мушоҳида расид.

7. Номи рисола “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ” ба шакли “Нақши матбуот дар чангҳои иттилоотӣ” иваз карда шавад.

8. Хулосаи умумии кор зиёд аст (24 пункт), хуб мешуд агар пунктҳои 4, 7, 8, 14,15,16, 17, 20 ихтисор шаванд ва пунктҳои 22, 23, инчунин 25 ва 26 муттаҳид карда шаванд.

Ба назари мо, камбудиву пешниҳодҳои зикршуда ҷузъӣ буда, қимати илмии диссертатсияро кам намекунанд. Муҳим он аст, ки мавзӯъ нав аст, бори аввал мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор мегирад. Фикрҳои рисоланавис бар асоси сарчашмаҳои бойгониву илмӣ, маводи матбуот ва сомонаҳо асоснок шудаанд ва диссертант аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дарпешгузошта баромадааст. Хулосаҳои умумии диссертатсия дорои ҷанбаи қавии илмӣ мебошанд.

Диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи «Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср, солҳои 2011-2013)» кори илмии ба анҷомрасида мебошад. Диссертант, ки солҳои тулонӣ дар ҷодаи радио фаъолият намудааст, мутахассиси варзидаи соҳа аст, аз ин рӯ, ҷанбаи амалии рисола пурқувват аст.

Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии худ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои

диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавогӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Мудири кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
доктори илмҳои филология, профессор С. Хоҷазод

Нишонии муассиса: 734003
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: 992(+327)227 76 57

Нишонии саҳифаи расмӣ:
Saidmurod70@mail.ru
Тел.: (+992)93 855 5299

Имзои д.и.фил., профессор
Саидмурод Хоҷазодро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Д. Назаров

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

12.08.2020